# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои ичтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва чадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. - таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.**

Аҳмади Дониш дар замоне зистааст, ки он ҳангом кудратҳои чаҳонӣ идеологияи «панисломизм»-ро дар баробари «сионизм» ва «сотсиализм» ба халкҳову миллатҳо ва минтақаҳову қитъаҳои гуногун таҳмил менамуданд. Бинобар ин, зимни таҳқиқ ва баррасии осори фалсафии Аҳмади Дониш маълум мегардад, ки агарчи аксар муҳаққиқон ӯро ба гурӯҳи панисломизм ва ислоҳталабони дини ислом шомил намуда, осору пешниҳодҳои ислоҳотхоҳонаи донишмандро ба чунин равияҳо мансуб донистаанд, вале ин гуна андешаҳо ба воқеият ихтилоф доранд. Аҳмади Дониш дар осори худ сиёсисозии исломро дар мисоли андешаҳои Саид Ҷамолуддини Афғонӣ ва Шайх Муҳаммад Абду истиқбол накарда, алорағми пайравони онҳо ба тафаккури дунявӣ такя намудааст. Аммо ин вижагиҳои аслии чаҳонбинии дунявии мутафаккир зимни пажуҳиши осор ва зиндагиномааш аз назари муҳаққиқон дур афтодааст. Аз ин рӯ, тасмим чиҳати баррасии афкори мутафаккир, ки аз дидгоҳҳои дунявӣ ва маорифпарварона баён шудаанд ва нигоҳи интиқодии бархе аз муҳаққиқон ба ин гуна арзёбӣ на фақат масъалаи мубрам, балки саривақтӣ ва таҷрибаи муфид барои ҷомеаи муосири тоҷик хоҳад буд.

Дар баробари ин, равшан сохтани масъалаи барғалат бо чадидия яксон донистани фалсафаи ичтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш то ҳол дар таърихи фалсафа ва фалсафаи ичтимоӣ мубрам боқӣ мемонад. Яке аз омилҳои ин зери тозиёнаи танқид қарор гирифтани тадрис дар мактабу мадрасаҳо аз ҷониби мутафаккир мебошад, аммо ин омил имкон намедиҳад, ки мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш баробар бо чадидон муаррифӣ шавад. Ин вобаста ба он аст, ки Аҳмади Дониш дар воқеъ донишманди ратсионалист бо тафаккури дунявӣ аст, аммо чадидон дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ва давлатӣ бо дастгирии аҷнабиён манфиатҷӯ буданд ва исломро ягона роҳи рафъи ақибмондагӣ арзёбӣ мекарданд. Гузашта аз ин, аксари мероси маҳфузмондаи ҷавонбухориён ё чадидия фақат дар заминаи таблиғи ақидаҳои таҳмилии панисломӣ ва пантуркизм ташаккул ёфта, барои ҷомеашиносии муосири миллӣ камарзиш мебошанд. Аз ин рӯ таҳқиқи

муқоисавии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия ҳамчун мавзуи мубрам ба ин паҳлӯҳои масъала низ равшанӣ меандозад.

Автореферати рисолаи номзадии Раҳмонов С.Д. дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа, аз ҷумлаи ин гуна кӯшишҳои шоиста дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ-иҷтимоӣ ва паҳншавии ақидаҳои марифпарварӣ ва ислоҳотталабӣ дар ҷомеаи Бухорои асри XIX ба шумор меравад. Боиси дастгирист, ки муаллиф мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи мавзуи рисоларо дар чанд нуктаи муҳим нишон медиҳад, ки яке аз онҳо авзои хатарзои давлатдорӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳри охири асри XIX ва аввали асри XX аст.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки яке аз муътабартарин мутафаккирони ин давра, ки талаби татбиқи ислоҳотро аз ҳокими манғитӣ карда ва барои расидан ба ин гуна ҳадафҳо рисолаҳо нигошта, дар онҳо хатокориҳои дар ҷомеаи Бухоро мавҷудбударо аз дидгоҳи интиқодӣ баррасӣ намудааст, Аҳмади Дониш буд. Ин ақидаҳои мутафаккир оид ба ислоҳот ва махсусан афкори маорифпарваронаи ӯ на танҳо барои он даврон, балки барои шароити муосир дар ҷомеаи тоҷик низ хеле таҷрибаи мубраму пураҳаммият ба ҳисоб рафта таҳлили ҳамаҷонибаи таърихӣ-фалсафиро аз нигоҳи илми муосир тақозо мекунанд.

Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгониҳои таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мувофиқ ба талаботи ҷорӣ пешниҳод кунад. Қисми асосии автореферат паҳлуҳои муҳими масъалаҳои гузошташударо инъикос менамояд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқу ироаи навгонии илмии рисола ва нуктаҳои муҳиме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ ифода ёфтааст. Тарзи навишт ва таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби автореферат саҳми муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар баробари дастовард ва навгониҳо, дар матни автореферат камбудиҳое низ ба чашм мерасанд, ки бояд ба онҳо аҳамият дода шавад.

1. Иштибоҳ ва хатогиҳои техникӣ дар автореферат ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқоти баъдина муҳим аст;

2. Тавозуни бахшҳои тавсифи умумии таҳқиқот дар автореферат пурра риоя нашуда, нуқсонҳои ҷузъӣ мушоҳида мешавад.

Аммо, дар баробари камбудиҳои ҷойдошта автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуни диссертатсияро пурра фаро гирифта, хулосаҳои муаллиф, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комилро ба вуҷуд меорад. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаҳои асосӣ ба эътимоднокии таҳқиқот меафзоянд.

Дар асоси далелҳои мазкур, автореферати диссертатсияи Раҳмонов С.Д. дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. - таърихи фалсафа ҳамчун амали мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мебошад.

**Тақриздиҳанда: Муҳаррири шуъбаи**
**Назорати илмии Сарредаксияи илмии**
**Энсиклопедияи миллии Тоҷик**
**н.и.ф.** **Маҳмадулоев С.**
**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти “Гулистон”,**
**деҳаи Ҷангалобод 3, хонаи № 53.**
**Тел.: (+992) 917-71-44-77**
**E-mail: bosurush1@gmail.com**

**Имзои Маҳмадулоев С.-ро тасдиқ мекунам,**
**сардори шуъбаи кадрҳои СИЭМТ** **С. Холиқова**
**Суроғаи муассиса:**
**734018, ш. Душанбе, ноҳ. Фирдавсӣ,**
**кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел.: (+992-37) 233-27-55**
**E-mail: mavz_80@mail.ru**
**21 майи соли 2025.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО